**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзӯи “Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D080902 – сабзавотпарварӣ**

Бехпиёз яке аз зироатҳои муҳим ва серталаб дар сабзавоткории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани даромади иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ нақши назаррас дорад. Баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти он дар бисёр ҳолат аз низоми ғизогирии растаниҳо ва истифодаи дурусти нуриҳои органикӣ ва маъданӣ вобаста мебошад. Дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, ки бо хусусиятҳои хоси иқлимию хоки фарқ мекунад, таҳияи низоми илми асосноки нуриворидкунӣ барои бехпиёз аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад.

Бехпиёз яке аз зироатҳои асосии сабзавотӣ дар минтақа ба ҳисоб рафта, ҳам дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҳам дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ васеъ парвариш карда мешавад. Бо вуҷуди ин, дараҷаи ҳосилнокӣ ва сифати он аз низоми ғизогирии растаниҳо, хусусиятҳои истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ, инчунин шароити агроэкологии минтақаи парвариш вобастагии зиёд дорад. Дар ин замина мавзӯи интихобшуда саривақтӣ буда, ба талаботи муосири илми кишоварзӣ ва истеҳсолот ҷавобгӯй мебошад.

Дар корҳои илмӣ ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот ба таври кофӣ равшан муайян гардидаанд, ки онҳо ба омӯзиши таъсири намудҳо ва меъёрҳои гуногуни нуриҳо ба рушд, инкишоф, ҳосилнокӣ ва нишондиҳандаҳои сифатии бехпиёз равона шудаанд. Интихоби объект ва предмети таҳқиқот асоснок буда, усулҳои гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва таҳлилҳои озмоишгоҳӣ дуруст ба роҳ монда шудаанд. Қисмати таҷрибавӣ бо риояи усулҳои умумиқабулшудаи тадқиқоти агрохимиявӣ ва кишоварзӣ иҷро гардида, боэътимодии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

Унвонҷӯ дар корҳои илмӣ-тадқиқотии хеш маълум намудааст, ки фосилаи байни кишт то пайдошавии майсаҳо дар кишти баҳории бехпиёзи навъи Ҳисорӣ аз 29 то 32 ва дар кишти тирамоҳӣ аз 11 то 13 рӯзро ташкил додааст. Давраи аз пайдошавии майсаҳо то ташаккулёбии аввали бехпиёзи кишти баҳорӣ, дар варианти назоратӣ 63 рӯз ва дар вариантҳои истифодаи нуриҳои маъданӣ аз 64 то 66 рӯз будааст. Дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, давомнокии давраи нашъунамои бехпиёзи навъи Ҳисорӣ аз кишт то пухтарасӣ вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ дар кишти баҳорӣ ба 159 - 170 рӯз ва дар кишти тирамоҳӣ ба 247 - 256 рӯзро ташкил намудааст.

Ҳамзамон, унвонҷӯ исбот намудааст, ки истифодаи оқилонаи маҷмӯи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба беҳтар гардидани хусусиятҳои агрофизикӣ ва агрохимиявии хок, фаъол гардидани равандҳои микробиологӣ ва баланд шудани дастрасии элементҳои ғизоӣ барои растаниҳо мусоидат менамояд.. Ин ҳолат, дар навбати худ, ба афзоиши ҳосилнокӣ ва беҳтар шудани сифати маҳсулот таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин тариқ, аз таҳлили нишондоди ҳосилнокии бехпиёзи навъи “Ҳисорӣ” вобаста ба вариантҳои омӯзишӣ мушоҳида

мешавад, ки дар кишти баҳорӣ аз 25,6 т/га дар варианти назоратӣ то ба 55, 8 т/га дар варианти истифодаи - N240P90K90 ва дар кишти тирамоҳӣ мутаносибан аз 18,5 то ба 44,6 т/га баробар шудааст. Дар байни вариантҳои омӯзиши ҳосили баланди бехпиёзи навъи “Ҳисорӣ” дар кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ дар вақти истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёрӣ N240P90K90 ба даст оварда шудааст. Бартарии ҳосили иловагӣ нисбат ба варианти назоратӣ дар кишти баҳорӣ - 30,2 т/га ё 117,1 % ва дар кишти тирамоҳӣ - 26,1 т/га ё 141,4 % ва нисбат ба дигар вариантҳои омӯзиши нурӣ аз 1,0 то 20,0 т/га-ро ташкил намудааст.

Натиҷаҳои таҷрибавии бадастомада ба таври эътимоднок шаҳодат медиҳанд, ки истифодаи меъёрҳои муътадили нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба зиёд гардидани массаи бехпиёз, баланд шудани дараҷаи бозоргирии маҳсулот, инчунин беҳтар шудани нишондиҳандаҳои сифатӣ, аз қабили миқдори моддаи хушк, қандҳо ва витаминҳо мусоидат менамояд. Аз ҷониби унвонҷӯ хулосаҳои асоснок дар бораи мақсаднок будани истифодаи низоми дурусти нуриандозӣ ҳангоми парвариши бехпиёз дар шароити минтақаи Кӯлоб пешниҳод гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсия ба таври мантиқӣ ва пай дар пай баён гардида, таҳлили натиҷаҳо ва шарҳи онҳо дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ аз мазмуни кор бармеоянд ва бо маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ мегарданд. Арзиши амалии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар шароити истеҳсолӣ барои баланд бардоштани самаранокии парвариши бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон истифода шаванд.

Дар маҷмуъ, кори илмӣ дар мавзӯи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» дар сатҳи хуби илмӣ-методӣ иҷро гардида, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D080902 – сабзавотпарварӣ, мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои кишоварзӣ,
аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ,
растанипарварӣ Сафарзода Ш.Ҷ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
н. И. Сомонӣ, кӯчаи Бохтар 17
Тел: (+992) 907-33-83-94
E-mail: Sherali-2009@mail.ru

Имзои Сафарзода Ш.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассис, ҳуҷҷатнигор (самти кадр) Зеваршоева Н.З.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе
н. И. Сомонӣ, кӯчаи Бохтар 17
Тел: (+992) 777772320

23.01.2026